Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. - 33 саҳ.)

Демократиконии низоми ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти назариявиро оид ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд хеле муҳим мегардонад. Ин раванд ба стандартҳои байналмилалии вазъи ҳуқуқии шахсият дар кишварҳои демократии пешрафтаро дар бар мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар шакли хеле пешрафта пешниҳод карда мешавад. Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст: “инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд”. Қонунгузории миллӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эълон шудаанд, бартарият дода, самти муҳими фаъолияти илми ҳуқуқ дар Тоҷикистон ва фаъолияти қонунгузории давлат мебошад. Дар айни замон низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини ҳуқуқҳои инсон, фароҳам овардани шароити иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад озодона ҳуқуқҳои худро амалӣ созанд. Ҳимояи ҳуқуқи инсон аз хавфи ин ё он таҷовуз шарти муҳими ташаккули ҷомеаи демократӣ мебошад.

Дар низоми кафолати ҳуқуқу озодиҳо, ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии онҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазифаро дар мадди аввал мегузорад. Қонунгузории ҷиноятӣ воситаи муассири ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок буда, дар самти вайронкунии ҳуқуқи инсон низ таъсири пешгирикунанда дорад.

Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд кирдорҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз намуда, татбиқи ин

ҳуқуқу озодиҳоро таъмин ва кафолат медиҳад. Муҳимтарин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам ва кафолат дода шудаанд. Дар ин асно, баҳри ҳифз ва пешгирии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, дар боби 19 моддаҳои 143 – 164 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дахлнопазирии манзил аз дахолати ғайриқонунии шахсони дигар дорад, ки он кафолат дода шудааст.

Новобаста аз кафолат ва ҳифзи дахлнопазирии манзили шахс, тибқи маълумотҳои омории расмӣ, дар амал мушкилиҳои нозаррас ҷой доранд.

Натиҷаи омӯзиши вазъи ҷинояткорӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он далолат медиҳанд, ки таҳия ва такмили илмӣ-консептуалии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шакли вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ аз ҷумла истифодаи калимаи “манзил”, муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт, зарур мебошад. Чунин омилҳо гувоҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадии Файзиев Спитамен Абулҳақовичро тасдиқ менамоянд.

Аз таҳқиқоти пурра ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Файзиев С.А. дар раванди тадқиқоти илмӣ, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ватанӣ оид ба масоили дахлнопазирии манзил мебошанд. Номбурда таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар доираи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он, роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории ҷиноятиро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, пешбинӣ намудааст.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки тадқиқотчӣ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст. Новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масоиле ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии амиқи илмиро талаб менамоянд. Аз ҷумла, Файзиев С.А. пешниҳод намудааст, ки: “Криминализатсия намудани будубоши

ғайриқонунии шахс дар манзил бе розигии соҳибмулк ё рад кардани талаби соҳибмулк оид ба тарк намудани манзил, зарур мебошад. Хуб мешуд вобаста ба криминализатсияи “будубоши ғайриқонунии шахс дар манзил бе розигии соҳибмулк ё рад кардани талаби соҳибмулк оид ба тарк намудани манзил” лоиҳаи меъёр пешниҳод мегардид, ки онро комилтар менамуд.

Мулоҳизаи мазкур хусусияти тавсияхиро доро буда, мазмун, мақсад ва моҳияти таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Файзиев Спитамен Абулҳақович хангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р.

“Имзои Шарифзода Ф.Р. - ро тасдиқ менамоям”
Муовини сардори Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
оиди кор бо ҳайати шахсӣ,
полковники милитсия Шарифзода М.С.

“05” 12 соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru